Тақризи

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Таҳқиқи диссертатсионии Абдуллоева Машҳура ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва аҳаммиятноки замони муосир, бахусус улуми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар он инъикоси масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ВАО, хусусан матбуоти даврӣ, баланд бардоштани фарҳанги пазироии сайёҳон, шеваҳои муосир ва муассири тарғиби сайёҳӣ, бароҳандозии журналистикаи саёҳатӣ дар кишвар ва амсоли ин мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Мавзуи диссертатсия нав буда, дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал дар шакли таҳқиқи рисолавӣ ба омӯзиши илмӣ кашида шудааст. Диссертант кӯшиш намуд, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; нақши матбуоти даврӣ дар инъикос ва тарғиби тадбирҳои ҳукуматӣ доир ба рушди сайёҳӣ дар кишвар; дараҷаи инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ ва вижагиҳои баррасии онҳо дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон»; вижагиҳои истифодаи жанрҳои публитсистика дар инъикоси воқеиятҳо ва масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои давриро илман муайян созад.

Унвонҷӯ ба таҳқиқи мавзуъ ҷиддан ва мудовиман машғул гардида, маводи фаровони илмиву амалиро ба даст овард, онҳоро омӯхт ва бо таҳлилҳои амиқу ҳаматарафа вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ ҳал намуд ва ба мақсади ниҳоии худ – муайян намудани нақши матбуоти даврӣ дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ ва таъсири чунин мавод ба афкори ҷомеа, ҷалби сайёҳон ва рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гардид.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз нигоҳи сохтор низоми муайяни илмӣ дорад. Таҳқиқи мавзуъ зина ба зина сурат гирифтааст. Бобу фаслҳои диссертатсия аз нигоҳи мавзуъ ва мантиқ ба ҳам сахт алоқаманд буда, дар маҷмуъ барои ҳал гардидани мақсад ва вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ, ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат менамояд.

Ба ин мазмун, агар дар боби аввал заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои иҷтимоию табиии рушди соҳаи сайёҳӣ, қонуну стратегия, барномаю нақша-чорабиниҳои ба мақсади рушди ин соҳа ва танзими он қабулгардида, мавқеи ВАО, бахусус матбуоти даврӣ дар тарғиби ин асноди ҳуқуқӣ, тадбирҳои ҳукуматии барои рушди соҳаи сайёҳӣ нигаронидашуда таҳлилу баррасӣ шуда бошанд, дар боби дуюм вижагиҳои мавзуии маводи марбут ба сайёҳӣ дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» бо фаро гирифтани матолиби гуногун ва умумияту фарқи ин ду нашрия дар инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ таносубан таҳқиқу таҳлил шудааст. Дар боби сеюм имконоти жанрҳои гуногуни публитсистика, аз қабили хабар, ҳисобот, мусоҳиба, мухбирнома, мақола ва сафарнома дар инъикоси воқеияти марбут ба сайёҳӣ ва баррасии масъалаҳои алоқаманд ба он мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Унвонҷӯ дар ин зимн кӯшиш намуд, ки намунаи жанрҳои алоҳидаро таҳлил намуда, вижагиҳо ва анвои жанрӣ, мавзуи инъикос, сохтори матн, услуб ва забони баёни муаллифонро нишон диҳад.

Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардаи унвонҷӯ характери илмӣ ва амалӣ дошта, ба назар гирифтани онҳо, аз як тараф, барои ташаккул ва такомули журналистикаи сайёҳӣ, аз ҷониби дигар, дар рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон аз аҳаммият холӣ нахоҳад буд.

Таҳқиқоти мавзуи мавриди назар бори дигар аз рисолати матбуоти даврӣ, муҳиммият ва зарурати нашрияҳои даврӣ дар ҷомеаи муосир ва раванди ҷаҳонишавӣ, нақши рӯзномаву маҷаллаҳо дар шарҳу тавзеҳ, маънидод ва баррасии масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла сайёҳӣ ва ташаккули афкори омма шаҳодат медиҳад.

Диссертант, ки худ низ рӯзноманигор ва муҳаққиқ аст, дар ҷараёни таҳқиқи мавзуъ адабиёти зиёди илмӣ, таълимӣ, дастурӣ ва публитсистиро марбут ба сайёҳӣ ба даст овард, онҳоро омӯхт, тасниф намуд ва дар ҳалли вазифаҳои илмии пешгузоштааш – муайян намудани имконот ва неруи матбуоти даврӣ дар инкишофи соҳаи сайёҳӣ маърифатона истифода кард.

Унвонҷӯ Абдуллоева Машҳура Нематовна дар тӯли солҳои унвонҷӯйӣ худро ҳамчун муҳаққиқи оромтабиат, таҳаммулпазир, ҷӯянда

ва тавоно нишон дода, дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуъ босамар машғул шуд, ба қадри тавон аз имконоти мавҷуда истифода намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи диссертатсия мақолаҳои ҷудогонаи илмӣ ва илмиву оммавӣ ба нашр расонд. Натиҷаи чунин муносибат буд, ки ӯ дар давоми муҳлати муайяншуда кори илмиашро бо сифати баланд ба анҷом расонид.

Хулосаҳои таҳқиқи Абдуллоева Машҳура Нематовна ифодакунандаи мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва матолиби доир ба мавзуи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф – 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Бо назардошти сифатҳои хуби шахсии муаллиф ва омодагии пурсамари ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқи диссертатсионии Абдуллоева Машҳура Нематовна дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» – солҳои 2015-2020)» кори илмии анҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Доктори илми филология,
профессори кафедраи
матбуоти ДМТ Муродӣ М. Б.

Суроғa:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 934251532
E-mail: murodi@mail.ru

«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои маҳсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.